# Бюрои қарзӣ чӣ тавр фаъолият мекунад?


1
Рӯз ба хайр! Даромадан мумкин?
Салом! Марҳамат дароед. Гӯшам ба Шумо.
2
Барои васеъ кардани тиҷоратам мехостам қарз гирам. Илтимос, ҳуҷҷатҳоро дида бароед.
Иқдоми хуб! Марҳамат ҳуҷҷатҳоро ба ман диҳед, бубинам


Нағз, ки ҳама ҳуҷҷатҳои заруриро овардед. Акнун. бо шартнома шинос шавед. Ҳоҳиш дорам, ки ба нуқтаи оиди ризогии шумо дао бораи додани маълумот оид ба қарзҳои гирифтаатон ба Бюрои қарзӣ диққати хос диҳед.
3


4
Бюрои қарзӣ Ин чист?
Бюрои қарзӣ муассисае мебошад, ки маълумотро оид ба пардохти қарз аз ҷониби қарзгиранда ҷамъ оварда, нигоҳ медорад.


5
Ин кор чї заруриат дорад?
Барои ҳар як ташкилоти молиявӣ донистани масъулиятнокии қарзгиранда муҳим аст. Дар ёд дошта бошед, ки сари вақт баргардондани қарз ба Шумо дар оянда имкониятҳои беҳтарро барои гирифтани қарз фароҳам меоварад.


6
Аммо мехостам донам, ки то чӣ ҳад нигоҳдории таърихи қарзӣ дар ин муассиса эътимодбахш аст?
Бояд гӯям, ки ба ин маълумотҳо танҳо худи Шумо ва ташкилоти молиявие, ки Шумо барои қарз ба он муроҷиат кардаед, дастрасӣ доред у бас.




**Шумо мехоҳед ҳар чи зудтар қарз гиред?**
**Таърихи шахсии қарзиро оғоз намоед.**
**Дар вақти омодасозии дархости қарзӣ**
**додани ризогии худро ба ташкилоти**
**молиявӣ оиди додани маълумоти қарзии**
**шумо ба Бюрои қарзӣ ба тарзи хатти изҳор намоед.**
**Риояи ин қоида зиндагии шуморо осон мегардонад!**